# ҲИСОБОТ
# оид ба сафари хизматӣ

**Сафар дошт: Ҷафаров Аҳрор Саидолимович-**
сардори маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимӣ
**Макони сафар:** Федетартсияи Руссия, ш. Москва
**Мӯҳлати сафар:** аз 19.12.2017 то 22.12.2017

Сафари хизматии ман ба шаҳри Москваи Федератсияи Руссия дар асоси даъвати расмии Диношгоҳи давлатии сохтмонии шаҳри Москва дар доираи лоиҳаи **“EXTEND”-и барномаи “Ерасмус+**”-и Иттиҳоди Аврупо бо розигии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 19-ум то 22-уми декабри соли 2017 сурат гирифт.

**Мақсади асосии сафар** ширкат намудан дар вохӯрии аввалини шарикони ло иҳа ба шумор мерафт, ки дар он масъалаҳои молиявӣ вобаста ба сафарбар намудани ширкаткунандагон дар фаъолияти лоиҳа, тақсимоти бастаҳои корӣ байни шарикони лоиҳа, марҳилаҳои татбиқи лоиҳа, уҳдадориҳои шарикон, сари вақт иҷро намудани супоришҳо, муайян намудани макон ва замони баргузории семинар ва тренингҳои омӯзишю нишастҳои корӣ ва инчунин тақсимоти буҷаи лоиҳа ва дигар ҷанбаъҳое, ки ба идоракунии лоиҳа дахл доштанд, баррасӣ карда шуданд.

Вохӯрии аввалро ректори **Диношгоҳи давлатии сохтмонии шаҳри Москва д.и.т., профессор Андрей ВОЛКОВ** бо сухани ифтитоҳии худ кушода эълон намуд ва аз ҷумла иброз намуд, ки дар баробари тағйироту табаддулоти иҷтимоию иқтисодие, ки имрӯзҳо дар ҷаҳони муосир бо суръати баланд ба миён меоянд, методикаи таълим низ тағйирот ва муносибати навро талаб менамояд. Махс усан рушди босуръати техникаю технология меҳнатталабӣ ва вақтталабии тадриси фанҳои муҳандисиро зиёд гардонидааст, аммо методика ва технологияи таълим на он қадар тағйир кардааст. Зарурияти офаридани муносибати наве дар ин самт ба амал омадааст ва ин яке аз вазифаҳои лоиҳаи мазкур ба шумор меравад, яъне, ба омӯзгорон омӯзонидани усулҳои муосир ва самараноки тадриси фанҳои муҳандисӣ............ .

Баъдан **Анна Муравева** ҳамоҳангсози давтари миллии Ерасмус+ дар Федератсияи Руссия дар сухани ифтитоҳии худ ҳозиринро хайрамақдам гуфта, зарурият ва аҳамияти лоиҳаи мазкурро арзёбӣ намуд.

Сипас **Элизабетта Лазаров** ҳамоҳангсози кулли лоиҳа аз **Донишгоҳи техникии Бухарести Румининя** мақсад ва вазифаҳои лоиҳаро барои ҳозирин муфассал шарҳ дода, қайд намуд, ки **мақсади асосии лоиҳа баланд бардоштани сифати тадриси фанҳои муҳандисӣ тавассути тақвият бахшидани потенсиал ва маҳорати педагогии омӯзгорон ва мукаммалгардонии барномаҳои таълимӣ** ба шумор меравад. Ҳамчунин, ӯ нақшаи амалигардонии лоиҳаро барои соли аввал, ки **5 бастаи кориро** дар бар мегирад, барои иштирокчиён тафсир дод. Ӯ иброз дошт, ки дар маҷмуъ шарикони лоиҳа аз Аврупо 4

донишгоҳ, аз Руссия 4 донигоҳ ва аз Тоҷикистон низ, 4 донишгоҳ дар амалигардонии лоиҳа саҳм мегузоранд ва дар баробари ба имтмом расидани лоиҳа бояд ҳамаи мақсад ва вазифаҳои лоиҳа пурра амалӣ гарданд ва дар 8 донишгоҳҳои Руссияву Тоҷикистон бо 8 **“EXTEND-марказ”**-ҳо бояд таъсис дода шаванд.

**“EXTEND-марказ”-**ҳо ҳамчун марказҳои умумидонишгоҳӣ ба шумор рафта, бо ҷалб ва мубодилаи таҷрибаи шахсони дар доираи лоиҳа дар тренинг ва семинарҳо ширкатварзида ба ҳайати омӯзгорону профессорони дар самти фанҳои муҳандисӣ датрисдиҳанда интиқол додани малака, маҳорат, омӯзонидани усулҳои самарабахши таълим бо истифода аз технологияҳои муосир, тарҳрезии амсилаҳои айёнии аниматсионии мултимедиявӣ ва технологияи креативии таълим дар ин самт, фаъолияташро ба роҳ хоҳад монд. Дар баробари ин марказҳои номбурда бо таҷҳизоти лозимӣ ҷиҳозонида мешаванд ва бо маҷмуи дастурҳои методӣ ва маълумоти зарурии корӣ аз ҷониби лоиҳа барои пешбурди фаъолияти марказ таъмин карда мешаванд. Дар ҳамин мавридд, шарикони авврупоӣ аз таҷрибаи хеш ҷиҳати самарабахш гардонидани фаъолияти марказ чунин пешниҳод намуданд:

- истифода намудани шабакаи хатмкардагони донишгоҳ “Ассотсиатсияи хатмкунандагон” барои мубодилаи таҷриба ва дастгирӣ;
- ҷалби донишҷуёни соҳибистеъдод барои коркард ва таҳияи маводҳои аниматсионии таълимӣ;
- ҷалби мутахассисони соҳавӣ аз истеҳсолот ва истифодаи таҷрибаи онҳо;
- пешниҳод намудани хизматрасониҳо оид ба коркард ва таҳияи маводҳои аниматсионии таълимӣ ва намоишӣ;
- тадриҷан бояд ин марказ аз ҷиҳати илмӣ ва кадрию техникӣ ба маркази умумидонишгоҳии сайқали маҳорати педагогии муҳандисӣ мубаддал гардад ва фаъолияти худро қавитар гардонад;
- ҳамчун маркази умумидонишгоҳӣ бояд тамоми кадрҳои ҷавон ҳангоми ба фаъолияти педагогӣ ҷалб гардидан бояд ба маркази мазкур барои гузаштан аз курсҳои махсуси он сафарбар гарданд ва сертификати махсуси маҳорати тадриси фанҳои муҳандисиро аз ин марказ соҳиб шаванд;
- дар назди департаменти таълим ҳамчун маркази доимоамалкунанда ва поягӣ ташкил намудани он.

Дар ин самт аллакай соли 1972 дар Иттиҳоди Аврупо Ҷамъияти байналмилалӣ оид ба педагогикаи муҳандисӣ (**IGIP**) таъсис дода шудааст. Бо ташаббус ва фаъолияти бевоситаи ин ҷамъият принсипҳои умумии ташаккули педагогикаи муҳандисӣ ба миён оварда шуда, ҳуҷҷати махсус «**INGPAED IGIP**» (Омӯзгори аврупоии муассисаи таълимии олии муҳандисӣ), ки дар он талаботи квалификатсионии дар айни замон амалкунанда ба омӯзгорони макотиби олитии техникӣ муайян гардидааст, таҳия ва қабул шудааст.

Дар ҳамин маврид, аз ҷониби ҳамоҳангсози минтақавӣ **Донишгоҳи давлатии техникии шаҳри Москва ба номи Н.Э. Бауман** муовини ректори ин донишгоҳ оид ба таълим **Юрий Тсветков** оид ба тақсимоти бастаҳои корӣ, индикаторҳои назоратии фаъолнокӣ ва таъмини сифату босуботии лоиҳа инчунин методикаи худбаҳогузорӣ дар се зина:

1. Истифодабарии технологияҳои таълмӣ дар самти омодасозии муҳандисон
2. Сатҳи барномаҳои таълимӣ
3. Арзёбии таваҷҷуҳи тарафҳои манфиатдор

ба ҳозирин гузориш дод ва ҳамчунин дар презентатсияи худ нисбати усулҳои баланд бардоштани фаъолияти касбии омӯзгорони фанҳои муҳандисӣ ва арзёбии самаранокии татбиқи технологияҳои навини таълимӣ дар тадриси фанҳои муҳандисӣ ба ҳозирин маърӯза намуд.

**Идоракунии лоиҳа**

Маъмулан сохтори идоравии лоиҳа аз 4 категория иборат мебошад ва вобаста ба пешниҳоди шарикони лоиҳа таркиби миқдории корамандон аз рӯи категорияҳо дар сохтори идоравии тимҳои кории донишгоҳҳо дар ҳайати зерин тасдиқ карда шуд:

- 1 нафар менеҷери лоиҳа
- 2 нафар тадқиқотчӣ/тренер
- 1 нафар корманди маъмурӣ (донандаи забони англисӣ) оид ба таъмини ҳуҷҷатгузорӣ ва гузаронидани мониторингҳои дохилӣ ва назорати сифат
- 1 нафар корманди техникӣ

Барои самаранок истифода намудани буҷаи лоиҳа аз ҷониби ҳамоҳангсози кулли он пешниҳод ба амал оварда шуд, ки дар давоми амалигардонии лоиҳа танҳо 1 вохӯрии расмӣ дар назар дошта мешавад ва дигар вохӯриҳо бо тариқи SKYPE MEETING баргузор хоҳанд гашт, ки аз ин ҳисоб метавонем миқдори омӯзгорони дар тренингҳо ширкаткунандаро зиёд намоем.

Тамоми маълумот оид ба инъикоси фаъолияти лоиҳа ва чорабиниҳои дар доираи он амалишаванда бояд ба тариқи фаврӣ аз ҷониби кормади техникии лоиҳа дар сомонаи донишгоҳ ҷой дода шаванд.

Масъалаҳои марбут ба ташкили сафарҳои хизматӣ ва гирифтани раводидҳои сафарӣ барои шарикон баррасӣ гардид ва нуқтаҳои лозимӣ ба монанди мушкилоти гирифтани раводид ба давлатҳои Аврупо махсусан давлатҳое, ки ба қаламрави созишномаи Шенген дохил намешаванд муҳокима гардида, қайд карда шуд, ки бинобар сабаби мавҷуд набудани консулгарии ин давлатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хароҷот барои гирифтани раводид ба меъёрҳои маблағгузории барномаи **Ерасмус+** мутобиқат наменамоянд. Вобаста ба ин масъала ҷониби шарикони Аврупоӣ ва махсусан ҳамоҳангсозӣ кулли лоиҳа **Донишгоҳи политехникии Бухарест** тасмим гирифтанд, ки дар муҳлатҳои кутоҳтарин роҳи ҳалли онро пешниҳод хоҳанд кард.

Маълумоти иловагӣ мутобиқ ба фарорасии марҳилаҳои татбиқии вазифаҳо дар асоси нақшаи амалигардонии лоиҳа барои муҳокима ва баррасӣ ба шарикон ирсол карда мешаванд.

Тамоми вазифаҳо ва чорабиниҳои лоиҳавӣ дар 5 бастаи корӣ тақсим карда шудаанд, ки дар асоси графики муайян аз ҷониби шарикони лоиҳа зина ба зина бояд ба иҷро расонида шаванд.

Накшаи корӣ барои соли якуми амалигардонии лоиҳа дар шакли зер баррасӣ ва қабул гардид:

## Workplan for project year 1

| Activities | | Total duration (number of weeks) | M1 11/17 | M2 12/17 | M3 1/18 | M4 2/18 | M5 3/18 | M6 4/18 | M7 5/18 | M8 6/18 | M9 7/18 | M10 8/18 | M11 9/18 | M12 10/18 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ref.nr/ Sub-ref nr | Title | | | | | | | | | | | | | |
| 1.1 | Desk and field study of PC universities practices in teaching engineering disciplines and teacher enhancement approaches | 12 | | | | | | | | | | | | |
| 1.2 | Introduction training seminar for PC HEIs at UPB for 7 days | 2 | | | | | | | | | | | | |
| 1.3 | Desk and field study of EU best practice in teaching engineering disciplines and teacher enhancement approaches. Inventory of the best European teaching methodologies of engineering disciplines | 12 | | | | | | | | | | | | |
| 1.4 | Stakeholder survey on identification of professional competences of university teacher of engineering disciplines | 10 | | | | | | | | | | | | |
| 1.4 | Development of model and learning outcomes descriptor of university teacher of engineering disciplines (including seminar at KSU for 4 days month 10/18) | 6 | | | | | | | | | | | | |
| 2.1 | Assessment and updating of existing infrastructure and facilities | 12 | | | | | | | | | | | | |
| 2.2 | Selection and training of EXTEND centres staff (seminar at MRSU for RF HEI's and at TUT for TJK HEIs) | 4 | | | | | | | | | | | | |
| 2.2 | Develop and set-up of EXTEND Centers | 16 | | | | | | | | | | | | |
| 4.1 | Internal quality control and evaluation | 12 | | | | | | | | | | | | |
| 4.2 | External quality control and evaluation | 4 | | | | | | | | | | | | |
| 5.1 | On-line platform design and population | 25 | | | | | | | | | | | | |
| 5.2 | Publishing papers, participation in conferences | 12 | | | | | | | | | | | | |
| 6.1 | PMB meeting | 8 | | | | | | | | | | | | |
| 6.2 | Regular work management | 24 | | | | | | | | | | | | |

**Барномаи маблағгузорӣ**

Тамоми хароҷоти ба сафари мазкур вобаста аз ҳисоби буҷаи лоиҳаи “**EXTEND”-и** барномаи “Ерасмус+”-и Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда шуд.

**Расмҳо аз рафти баргузории воҳӯрӣ**




Маросими ифтитоҳӣ




Сухани ифтитоҳии ректори **Диношгоҳи давлатии сохтмонии шаҳри Москва д.и.т., профессор Андрей ВОЛКОВ**




Суханронии **Элизабетта ЛАЗАРОУ**
ҳамоҳангсози кулли лоиҳа аз
**Донишгоҳи техникии Бухарести Руминия**




Суханронии **Анна МУРАВЁВА** ҳамоҳангсози
давтари миллии Ерасмус+ дар
**Федератсияи Руссия**




Баррасии вазифаҳои лоиҳавии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон



Рафти муҳокимаи нақшаи кории лоиҳа барои
соли аввал




Расми хотиравии гуруҳӣ аз вохӯрии аввали лоиҳаи **EXTEND**

***Аҳрор ҶАФАРОВ*** ____________________

*ш. Душанбе, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,*
*27-уми декабри соли 2017*